| Истилоҳ | Таърифи | Тасвир |
|---|---|---|
| **Артрит** | Мушкилоти саломатӣ, ки дар натиҷаи он буғумҳои одам шах мешаванд ва варам мекунанд ва/ё ҳангоми ҳаракат кардан дард мекунанд. | |
| **Чархак** | Чархҳое, ки ҳангоми ғел хӯрдан давр мезананд (тоб мехӯранд). Мисолҳои он чархҳои хурди курсиҳои идорӣ ё коляскаҳо мебошанд. | |
| **Катетер** | Лӯлачаи мулоим, ки барои холӣ кардани пешоб аз пешобдон истифода мешавад. Баъзе одамоне, ки мустақилона ё ихтиёран пешобдони худро холӣ карда наметавонанд, аз он истифода мекунанд. Вобаста ба навъи катетер, дигар таҷҳизот, ба монанди халта барои по, лозим мешавад. |  |
| **Монеаҳои муҳити зист** | Монеаҳо дар муҳити одам (масалан, дар дохил ва гирду атрофи хонаи ӯ, ё дар ҷомеа), ки қобилияти сайругашт кардани ӯро пешгирӣ мекунад ё садди роҳи он мегардад. Мисолҳои монеаҳои муҳити зис инҳоро дар бар мегиранд:<br>• Зинапояҳо, ки ҳаракат кардан барои шахси савори аробачаи маъюбиро душвор мегардонад<br>• Даргоҳи борик, ки аз он истифодабарандаи роҳравак гузашта наметавонад. | |
| **Заъф** | Сустӣ, шикастпазирӣ ва бо энергияи кам. Аксари вақтҳо замоне ба вуҷуд меояд, ки одамон пир мешаванд ва вазъи саломатиашон бад мешавад. | |
| **Дастқапак** | Милаи собит, ки одам ба он чанг мезанад, то он дар нигоҳ доштани мувозинат ё ҳаракат кардан ба ӯ ёрӣ расонад. |  |
| **Болобар** | Дастгоҳе, ки одамро бо истифода аз банд боло мебардорад то дар интиқол додани ӯ ёрӣ расонад |  |
| **Назорат карда натавонистан и функсияи экскреторӣ** | Вақте ки одам дар ихтиёран назорат кардани пешобдон (нигоҳ дошта натавонистани пешоб) ё рӯдаҳо (нигоҳ дошта натавонистани ахлот) душворӣ мекашад ё онҳоро идора карда наметавонад. | |

| Истилоҳ | Таъриф | Тасвир |
|---|---|---|
| **Такягоҳи қомат** | Иловаҳо ба аробачаи маъюбӣ, курсӣ барои ҳаммом ё қазои ҳоҷат, ки одамро бештар тақвият медиҳад. Такягоҳи қоматро бояд мутахассис таъйин намояд. Намунаҳои такягоҳи қомат дар болои курсӣ барои қазои ҳоҷат ва ҳаммом инҳоянд:<br>• Камарбанди бехатарӣ<br>• Пуштибонии ҷонибии иловагӣ<br>• Такяи сар. |  |
| **Захми фишорӣ (бистарзахм)** | Захми фишорӣ – ин кандани пӯст аст. Одатан он дар қисмати устухонии бадан ба вуҷуд омада, мушкилоти пахнгаштаи одамоне ба шумор меравад, ки бо ҳис (эҳсос) ё ҳаракат кардан ва тағйир додани мавқеи худ ба душворӣ рубару ҳастанд. | |
| **Ҷароҳати сутунмӯҳра** | Осеби сутунмӯҳра, ки одатан садама ё беморӣ сабаби он гаштааст. Баъд аз бардоштани ҷароҳати сутунмӯҳра, сигналҳо наметавонанд аз тариқи сутунмӯҳра дар байни бадан ва мағзи сар ҳаракат кунанд. Аксари вақтҳо одам ҳаракат карда наметавонад (фалаҷ мешавад) ва поёнтар аз сатҳи ҷароҳатро ҳис карда наметавонад. | |
| **Сактаи мағзи сар** | Қатъ шудани гардиши хун дар мағзи сар. Ин метавонад боиси он гардад, ки як тарафи бадан суст ё фалаҷ мешавад, ҳамчунин мушкилоти гап задан, ҳис кардан, фикр кардан ва дидан ба миён меояд. | |
| **Навъҳои унитаз:** | | |
| • **Унитаз барои нишастан** | Навъи унитаз, ки одамон барои истифода бурдани он дар болояш мешинанд. |  |
| • **Унитаз барои сари ду по нишастан** | Навъи унитаз, ки одамон барои истифода бурдани он сари ду по мешинанд |  |

| Истилоҳ | Таъриф | Тасвир |
| --- | --- | --- |
| **Интиқол** | Ҳаракат додани бадан аз як ҷо ба ҷои дигар |  |